آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

26 ноябри соли 2025
Чоршанбе
№ 95 (15210)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# САМАРҚАНД ДАР КОҲИШИ САТҲИ БЕКОРӢ ВА КАМБИЗОАТӢ, САРМОЯГУЗОРӢ ВА СОДИРОТ МИНТАҚАИ НАМУНАВӢ ХОҲАД ШУД

**Президент Шавкат Мирзиёев 25 ноябр бо мақсади шиносоӣ бо раванди ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва муайян кардани вазифаҳои минбаъда бо иштироки фаъолон ба вилояти Самарқанд ташриф овард.**





Сарвари давлат мувофиқи анъана сафари худро ба Самарқанд аз зиёрати мақбараи Имом Бухорӣ оғоз намуд. Оятҳои Қуръон тиловат ва дуоҳо ироа гардиданд.

Бо ташаббуси Сарвари давлат маҷмааи мазкур дубора бо тарзе бунёд ёфт, ки ба мақоми баланд ва мавқеи бузурги муҳаддиси маъруф дар ҷаҳони ислом муносиб бошад. Барои зиёраткунандагон шароити мусоид фароҳам гардид.

Дар ҳудуде, ки масоҳати умумиаш 45 гектарро ташкил мекунад, мақбараи бузург, масҷид барои 10 ҳазор нафар, бинои маъмурӣ, осорхона, айвонҳои даромад ва баромад сохта шудаанд. Манорҳои 75-метрӣ дар чор гӯшаи зиёратгоҳ ба он шукӯҳи хоса мебахшанд.

Бо назардошти он ки ин макон на танҳо ҷойи зиёрат, балки маркази илму маърифат, тарбия ва ибрат бошад, ҷустуҷӯҳои бузург, таҳқиқот ва камолоти Имом Бухорӣ бояд барои зиёраткунандагон, бахусус, ҷавонон намунаи неки ибрат гардад, дар маҷмаа осорхонаи инноватсионӣ таъсис ёфт. Он ҳаёт ва мероси илмии Имом Бухорӣ, ки дар олами ислом чун султони муҳаддисон эътироф мегардад, саҳми ӯро дар рушди маърифати исломӣ инъикос менамояд.

Агар қаблан маҷмаа дар як рӯз ба 12 ҳазор зиёраткунандагон хидмат расонда бошад, ҳоло барои хидматрасонӣ ба 65 ҳазор меҳмон тибқи стандартҳои байналмилалӣ имкон фароҳам гардидааст.

Ғайр аз ин, дар ҳудуд Маркази байналмилалии илмиву тадқиқотии Имом Бухорӣ ва Мактаби илми ҳадис ҷой гирифтаанд.

570 миллиард маблағ сарф гардида, дар атрофи зиёратгоҳ меҳмонхона ва нуқтаҳои савдо-хидматрасонӣ ташкил гардиданд. Дар ин замина як меҳмонхонаи чорситорадор, ду меҳмонхонаи сеситорадор ва 22 меҳмонхонаи оилавӣ бунёд гардиданд. Ин иншоот пурра ба шабакаҳои коммуникатсионӣ пайваст буда, ҳудуди он обод шудааст. То соли 2026 анҷом додани корҳои сабзазоркунии ҳудуд ва таъсиси истгоҳҳои нақлиётӣ ба нақша гирифта шудааст.

Сарвари давлат таъкид кард, ки зиёратгоҳи Имом Бухорӣ ба намунаи барҷастаи мероси ғании маънавӣ ва иқтидори созандагии халқамон табдил ёфтааст ва аз ин рӯ ба масъулон супориш дод, ки корҳои ниҳоии ободониро, ки ҳоло дар маҷмаа идома доранд, бо сифат ва сари вақт анҷоми диҳанд.

Президент бо корҳои бозсозӣ, ки дар маҷмааи Махдуми Аъзам, воқеъ дар шаҳраки Даҳбеди ноҳияи Оқдарё амалӣ мегарданд, шинос шуд.

Роҳбари давлат моҳи марти соли ҷорӣ зимни ташриф ба вилояти Самарқанд бо лоиҳаи обод кардани қадамҷои Махдуми Аъзам шинос шуда буд.

Олими сӯфӣ, ки аслан дар ноҳияи имрӯзаи Косонсой ба дунё омадааст, яке аз пешвоёни таълимоти нақшбандия ба шумор меравад. Ҳангоми ҷавонӣ дар мадрасаи Фарғона таҳсил намуда, дар Самарқанд таҳти назари мавлоно Муҳаммад Қозӣ, шогирди Хоҷа Аҳрор Валӣ ба мақоми устоди маънавӣ расидааст. Баъдан худ доир ба илми тариқат беш аз 30 асар навишта, шогирдони зиёдро тарбия кардааст.

Ба ин инсони шариф барои хидматҳояш дар роҳи илм унвони Махдуми Аъзам дода шудааст. Пас аз сафарҳои тӯлонӣ дар роҳи илм ва дин, дар Самарқанд манзил ихтиёр намудааст.

Ҳукмдори Самарқанд Ялангтӯши Баҳодур болои қабри Махдуми Аъзам дахма бунёд карда, дар ин ҷо масҷиди калон ва мадраса барои толибилмон бунёд кардааст. Баъди вафоташ ӯро мувофиқи васияти охиринаш дар ҳамин ҷо дафн кардаанд. Умуман, дар зиёратгоҳ беш аз 50 санги қабр ҳифз шудааст, ки ба шарафи кӣ гузошта шудани аксари онҳо муайян гардидааст. Дар радифи мутафаккирони зиёд, ду ҳокими Афғонистон низ (Шоҳ Ҳидоят ибн Шоҳ Қосим (соли 1668) ва Шоҳ Саодат ибн Шоҳ Ҳидоят) дар ин ҷо дафн карда шудаанд.

Дар зиёратгоҳе, ки хокҷои мутафаккир ҷойгир аст, дар доираи лоиҳа корҳои васеи барқарорсозӣ амалӣ мегарданд.

Майдони умумии зиёратгоҳи Махдуми Аъзам тақрибан 5 гектарро ташкил медиҳад. Ба ин маскан зиёраткунандагони зиёд меоянд. Бо мақсади беҳтар намудани шароит барои онҳо дар канори мақбараи Махдуми Аъзам истгоҳи нақлиётии муосири сеошёна, дарвозаи даромадгоҳ, кушхона ва биноҳои маъмурӣ, таҳоратхона, масҷид барои ҳазор нафар ва айвонҳои иловагӣ сохта мешаванд.

Пас аз анҷоми корҳои таъмирӣ барои қабули 35 ҳазор зиёраткунанда дар як вақт имкон фароҳам мегардад. Қаблан танҳо 5 ҳазор нафар зоиронро қабул карда метавонист.

Инчунин, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди иловагӣ барои зиёраткунандагон корҳои ободонӣ анҷом ёфта, беш аз 40 иншооти савдо ва хидматрасонӣ таъсис дода мешавад.

Ба поси хотири мутафаккир оятҳои Қуръон тиловат карда шуд. Президент дар зиёратгоҳ дарахт шинонд.

Бобати боз ҳам обод намудани зиёратгоҳ, шинондани дарахтони дарозумр дар боғ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои меҳмонон супоришҳо дода шуданд.

Роҳбари давлат аз маҷмааи Ҳазрати Хизри шаҳри Самарқанд низ боздид намуда, дар мақбараи Президенти аввалини мамлакат Ислом Каримов гул гузошт.

Оятҳои Қуръон тиловат ва дуо хонда шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев бо ҷараёни корҳое, ки дар хати нави роҳи оҳани «Самарқанд – Ургут» идома доранд, шинос шуд.

Сохтмони ин хати роҳи оҳан моҳи феврали соли ҷорӣ оғоз ёфта, дарозии умумии он 55 километрро ташкил медиҳад. Дар доираи лоиҳа ду вокзал, дар Минтақаи озоди иқтисодии «Ургут» ду истгоҳи боркашонӣ ва як қатор пулҳо бунёд гардиданд. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар оянда электриконии пурраи ин хат ба нақша гирифта шудааст.

Хати нави роҳ имкони ҳаракати ду ҷуфт қатораи байнишаҳрӣ ва нӯҳ ҷуфт қатораи боркашонро фароҳам меорад. То охири сол анҷом додани лоиҳа пешбинӣ шудааст. Тавассути ба роҳ мондани ҳаракати қатораҳо имкони ҳамасола интиқол додани 359 ҳазор мусофир ва 8,2 миллион тонна бор фароҳам мегардад.

Ин самт барои аҳолии шаҳри Самарқанд, ноҳияҳои Тайлоқ ва Ургут бо он муҳим аст, ки ба онҳо хидмати нақлиёти бехатар ва замонавиро пешниҳод мекунад. Инчунин, ба рушди туризми дохилӣ низ такони бузург медиҳад.

Инфрасохтори роҳи оҳан яке аз шабакаҳои асосии иқтисодиёт буда, ин лоиҳа барои боз ҳам афзун намудани имкониятҳои Минтақаи озоди иқтисодии «Ургут» мусоидат мекунад. Дар натиҷаи мавриди амал қарор гирифтани самти нав 130 ҷои нави корӣ таъсис меёбад.

Сарвари давлат ҳамроҳ бо намояндагони ҷамъият бо қатора ба Ургут рафт.

Дар ҷараёни сафар Президент ба масъулон оид ба рушди инфрасохтори роҳи оҳан, боз ҳам беҳтар кардани шароит барои мусофирон, электриконии роҳҳои оҳан ва обод кардани ҳудудҳои ҳамшафати онҳо супоришҳои иловагӣ дод. Ҳамчунин ба корҳои сохтмон ва ободонӣ, ки дар канори роҳ амалӣ мешаванд, таваҷҷӯҳ зоҳир кард.

Таъкид гардид, ки ноҳияи Ургут ҳамчун минтақаи дорои имкониятҳои бузург мавқеи муҳим пайдо мекунад. Мардуми ин ҷо кордон ва дорои руҳи қавии соҳибкорӣ мебошанд. Дар рушди чунин минтақаҳо, ки барои иқтисодиёти мамлакат аҳамияти стратегӣ доранд, логистика ва инфрасохтори замонавӣ омили ҳалкунанда ба шумор мераванд.

Баробари ба кор даромадани хати нави роҳи оҳан монеаҳо ва «тромб»-ҳои логистӣ, ки рушди иқтисодии Ургутро маҳдуд мекарданд, аз байн мераванд. Боркашонӣ суръат мегирад, маҳсулот ба бозорҳо арзонтар ва сари вақт расонида мешавад, барои сармоягузорон имкониятҳои бештар фароҳам гардида, иқтидори рақобатпазирии минтақа меафзояд.

Муҳимтар аз ҳама, имкониятҳои наве, ки дар минтақа эҷод мешаванд, ба сатҳи зиндагии аҳолӣ низ таъсири мустақими мусбат мерасонад. Дар ҷойҳое, ки инфрасохтор рушд кардааст, ҷойҳои корӣ зиёд мешавад, хизматрасониҳо беҳтар мегарданд, соҳибкорӣ фаъолтар мешавад.

Зикр гардид, ки ин лоиҳа қисми муҳими корҳо бобати таҷдид ва густариши шабакаи роҳи оҳан мебошад. Дар ин раванд зарурати саривақтӣ ва босифат анҷом додани корҳо, васеъ ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ, инчунин оптимизатсияи хароҷот ёдовар карда шуд.

Роҳбари давлат дар ҷараёни суҳбат зимни сафар таъкид намуд, ки акси мусбати тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар Самарқанд рух медиҳанд, дар ҳаёти одамон ифодаи худро меёбад. Ҳамчунин дар бораи тарбияи ҷавонон дар руҳи ватандӯстӣ, ҳамчун бунёдкорони «Ӯзбекистони Нав» ҳарф зад. Зарурияти азхуд кардани заминҳои канори роҳи оҳан, ки то Ургут кашида шуд, баланд бардоштани маданияти кишоварзӣ дар онҳо, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таълим, аз ҷумла, бо кишварҳои ҳамсоя қайд гардид.

Вокзали Ургут яке аз нуқтаҳои асосии самти нав мебошад. Президент ба масъалаҳои инфрасохтори вокзал, низоми хидматрасонӣ ва ташкили ҳаракати мусофирон диққат дод. Аҳамияти беҳтарсозии шароит барои сайёҳон таъкид карда шуд.

Сарвари давлат дар ин ҷо бо фаъолони ноҳияи Ургут мулоқоти самимӣ анҷом дод. Дар суҳбат роҷеъ ба тағйироти минтақаҳо, тарзи зисти аҳолӣ ва қадри осудагӣ мубодилаи афкор намуданд.

Таъкид гардид, ки беҳтар кардани шароити зисти мардум, афзунсозии даромад ва фаровонӣ, обод кардани маҳаллаҳо ҳамчун самти афзалиятнок дар сиёсати давлатӣ муайян мегардад. Дар натиҷаи тағйироти сохтории иқтисодӣ дар бахшҳои саноат, кишоварзӣ, туризм, нақлиёт ва энергетика лоиҳаҳои бузург татбиқ мешаванд.

Пиронсолон зикр карданд, ки ин тағйирот дар ҳаёти мардум натиҷаҳои назаррас дода, халқ ба ислоҳот баҳои баланд медиҳад.

Инчунин, Президент бо муаррифии лоиҳаҳои иловагӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар атрофи вокзал ва ҷозибияти иқтисодии минтақа пешбинӣ шудаанд, шинос шуд. Дар асоси ташаббуси соҳибкорон дар минтақаҳои наздик бунёди автовокзал, чойхонаи миллӣ, экобозор, биноҳои истиқоматӣ, мактаби хусусӣ ва кӯдакистонҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар натиҷаи татбиқи ин чорабиниҳо барои аҳолӣ намудҳои нави хидматҳо расонида мешавад, инфрасохтори иҷтимоии минтақа беҳтар мегардад, муҳити соҳибкорӣ боз ҳам инкишоф меёбад. Муҳимтар аз ҳама, қариб 350 нафар шаҳрванд бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, барои рушди иқтисодии минтақа такони иловагӣ мебахшад.

Сарвари давлат бо фаъолияти лоиҳаи истеҳсоли техникаи маишии корхонаи «Ferre Group»-и ноҳияи Ургут шинос шуд.

Корхонаи Минтақаи озоди иқтисодии «Ургут» маҷмааи муосири истеҳсолие ба шумор меравад, ки дар натиҷаи фароҳам гардидани имкониятҳои мусоид ва муҳити боэътимоди сармоягузорӣ дар солҳои охир дар кишварамон таъсис ёфтааст.

Корхона, ки нахуст фаъолияти худро аз васлкунии намудҳои гуногуни техникаи маишӣ бо истифода аз қисмҳои воридотӣ оғоз карда буд, ҳоло бобати истеҳсоли яхдон, плитаи газ, бухории хурд, чангкашак, дудбаро ва дигар таҷҳизоти рӯзгор, инчунин дарҳои замонавии оҳанин ба яке аз ширкатҳои бузурги минтақаи Осиёи Марказӣ табдил ёфтааст.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ САМАРҚАНД ТАЪИН НАМУДАНИ А. М. БОБОЕВ

Дар асоси моддаи 109, банди 15-ум ва моддаи 124-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин тибқи қарори Шӯрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд Адиз Музаффарович Бобоев ба вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*шаҳри ТОШКАНД,*
*25 ноябри соли 2025.*

## ГАРМХОНАҲОИ МУОСИР – ОМИЛИ МУҲИМИ ПАРВАРИШ

***Мувофиқи маълумоти расмӣ дар ҷумҳурии мо бештар аз 5 ҳазор гектар гармхонаҳо мавҷуд, ки бо газ ва ангишт гарм карда мешаванд. Қисме аз ин гармхонаҳо марбути шаҳру ноҳияҳои вилояти Фарғона мебошад. Маҳсулоти истеҳсолнамудаи ин гармхонаҳо сол аз сол афзоиш ёфта, дар баробари таъмини бозори дохилӣ, як қисми он ба хориҷи кишвар низ содир мегардад. Албатта, ин омили муҳимест барои фаровонии ҳаёти мардум ва беҳбуди тарзи зиндагии аҳолӣ, ки ҳамвора дар боло рафтани сатҳи иқтисоди мамлакат низ нақши муассир мебозад.***

Ногуфта намонад, ки барои корбасти гармхонаҳо хулосаи Экспертизаи экологии давлатӣ лозим мешавад ва он талаботи муайянеро барои фаъолияти гармхонаҳо муқаррар кардааст. Бино ба маълумоти дафтари матбуоти ин ниҳод қонунгузорӣ тақозо менамояд, ки гармхонаҳои ба воситаи истифода аз гази табиӣ, ангишт ва дигар намудҳои сӯзишворӣ фаъолияткунанда ба категорияи IV таъсири экологӣ мансубанд ва ҳамчун объект аз экспертизаи экологии ҳатмии давлатӣ гузаронида мешаванд. Аммо ин талаб ба гармхонаҳое, ки дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ҷойгиранд, дахл надорад.

Роҳбари хадамоти матбуоти Маркази давлатии экспертизаи экологӣ Шаҳзода Акрамова мегӯяд, гармхонаҳое, ки дар баробари бозори дохилӣ истеҳсоли маҳсулотро барои содирот ба ӯҳда гирифтаанд ва бо гази табиӣ кор мекунанд, дар мавсими зимистон бо гази кафолатнок таъмин карда мешаванд. Ҳатто гармхонаҳое, ки бо ангишт ё дигар системаҳои алтернативии гармидиҳӣ кор мекунанд ва бо содироти маҳсулот низ машғуланд, имконияти истифода аз гази табиӣ дода мешавад.

Ҳоло мо аввал дар мисоли Донишгоҳи давлатии Фарғона ба он нукта ҷилави суханро тоб медиҳем, ки гармхонаҳои муосир то чӣ андоза барои пажӯҳишҳо ва амалӣ намудани корҳои таҳқиқотӣ истифода мешаванд. Моҳи сентябри соли равон ду гармхонаи муосир дар доираи лоиҳаи «Кишоварзии интеллектуалӣ барои насли оянда» ба ин донишгоҳ супурда шуданд. Ин икдоми наҷиб аз ҷониби Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид ва Вазорати кишоварзии Ӯзбекистон бо дастгирии ҳукумати Ҷумҳурии Корея сурат гирифт.

– Ин гармхонаи муосир дар масоҳати 100 метри мураббаъ барои парвариши ниҳолҳо муқаррар шудааст. Инчунин дар масоҳати 284 метри мураббаъ гармхонаи намоишӣ дорад, ки бо системаҳои обёрӣ, хунуккунӣ ва гармкунӣ, муҳофизати ҳашарот, пардаҳои муосири сояафкан ва гармкунӣ муҷаҳҳаз шудаанд. Онҳо ҳамчун платформаи амалӣ барои таълим ва намоиши амалияҳои парвариши устувори сабзавот ба донишҷӯён, муҳаққиқон ва соҳибони хонаҳои маҳаллӣ хизмат хоҳанд кард, – мегӯяд ба мухбири «Овози тоҷик» роҳбари дафтари матбуоти Донишгоҳи давлатии Фарғона Нуриддин Раҳмонов.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# САМАРҚАНД ДАР КОҲИШИ САТҲИ БЕКОРӢ ВА КАМБИЗОАТӢ, САРМОЯГУЗОРӢ ВА СОДИРОТ МИНТАҚАИ НАМУНАВӢ ХОҲАД ШУД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар ин ҷо маҳсулот бо тамғаҳои «Dorsa», «Kleo», «Ferre» ва бо нишони «Сохти Ӯзбекистон» омода гардида, ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон содир мешавад. Бренди «Ferre» дар муҳити рақобати бозори дохилӣ низ мавқеи худро мустаҳкам кардааст. Ҳоло иқтидори солонаи корхона тақрибан 250 ҳазор адад маҳсулотро ба ҳисоби миёна ба маблағи 440 миллиард сӯм ташкил медиҳад ва ин нишондиҳанда сол то сол меафзояд.

Дар раванди истеҳсолот аз мавод ва қисмҳои эҳтиётии ширкатҳои пешбари ҷаҳон чун «Embraco», «LG», «DOW», «Midea» истифода мешаванд. Ҳоло сатҳи маҳаллисозии маҳсулоти корхона қариб 85 фоизро ташкил медиҳад.

Арзиши умумии лоиҳа 30 миллион доллари амрикоӣ буда, сармояҳои хориҷӣ ва кредитҳои имтиёзноки бонкӣ ҷалб шудаанд. Тақрибан ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Таҷҳизоти истеҳсолӣ технологияҳои навтарини Олмон, Туркия, Италия ва Чин мебошанд.

Шавкат Мирзиёев дар ин ҷо аз раванди истеҳсолот дидан карда, бо масъулон ва мутахассисони корхона суҳбат намуд, зарурати зиёд кардани навъҳои маҳсулоти мувофиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва боз ҳам мустаҳкамсозии мавқеи корхона дар бозори хориҷиро таъкид намуд. Дар ин замина истифодаи босамар аз имконият ва имтиёзҳо, ки аз тарафи давлат фароҳам гардидааст, муҳим арзёбӣ гардид.

Зикр шуд, ки соҳибкороне, ки ба бренди худ асос гузошта, обрӯи кишварамонро дар ҷаҳон боло мебардоранд, ҳамеша дастгирӣ карда мешаванд. Онҳо арзиши иловагӣ эҷод карда, ҳазорон нафар шаҳрвандонро соҳиби даромади доимӣ менамоянд.

– Бидуни дастгирии соҳибкорон мо наметавонем Ӯзбекистони Навро бунёд кунем. Агар шумо пайваста кӯшиш намуда, муттаҳид шавед, дар Самарқанд табақаи камбизоат боқӣ нахоҳад монд. Имкон дорад, ки бо ҳаракати пайвастаи худ номи Ӯзбекистонро дар ҷаҳон муаррифӣ намоед, – гуфт Президент.

Роҳбари давлат тавассути зиёд кардани теъдоди чунин корхонаҳои истеҳсолӣ дар Минтақаи озоди иқтисодии «Ургут» зарурати офаридани арзиши иловагӣ ва ҷойҳои нави корро таъкид намуда, ба масъулон супоришҳо дод.

Дар ҳамин ҷо Президент бо лоиҳаҳои сармоягузорӣ, намоишгоҳи маҳсулоте, ки дар корхонаҳои пешсафи саноатии вилояти Самарқанд истеҳсол мегарданд, шинос шуд.

Дар тақдимот дар бораи як қатор лоиҳаҳо дар самтҳои ҳифзи тандурустӣ, саноати кӯҳӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, технопарк, пиллапарварӣ ва металлургия маълумот пешниҳод гардид.

Дар шаҳри Самарқанд дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои бонуфузи Туркия дар асоси шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ лоиҳаи таъсиси беморхонаи бисёрсоҳа амалӣ хоҳад шуд. Дар доираи ин лоиҳа барои 1000 нафар ҷойи корӣ таъсис меёбад.

Дар ноҳияи Булунғур бошад, роҳандозии истеҳсоли доруҳои тиббӣ бо ширкати Чин ба нақша гирифта шудааст. Дар доираи ин лоиҳа низ 1000 нафар бо шуғл таъмин хоҳад шуд.

Инчунин, ширкатҳои Чин лоиҳаҳоро оид ба истеҳсоли нах ва матои абрешим дар ноҳияи Ургут, таъсиси минтақаи махсуси саноатии технопарк дар ноҳияи Нуробод, истеҳсоли хӯлаҳои кимиёвӣ барои гудозиши пӯлод дар шаҳри Самарқанд ва сохтмони иншооти сайёр дар ноҳияи Пастдарғамро пешниҳод карданд.

Ба масъулин аз рӯйи татбиқи саривақтӣ, босифат ва босамари лоиҳаҳо дастурҳои даҳлдор дода шуданд.

Баъдан, сессияи ғайринавбатии Шӯрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд баргузор гардид.

Дар сессия Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба сухан баромада, пеш аз ҳама аз мулоқот бо аҳли вилоят хушнуд будани худро гуфт. Ба дастоварду имкониятҳои ҳанӯз истифоданашудаи вилоят таваққуф намуд.

– Ин сарзамини бузург, ки дар худ таъриху арзишҳои чандҳазорсоларо таҷассум кардааст ва дар заминаи анъанаҳои меъмории муосир рӯз то рӯз зеботар мегардад, мавқеи худро дар тамаддуни ҷаҳон торафт мустаҳкамтар менамояд, – гуфт Президент.

Бахусус, бунёди Маркази байналмилалии сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим», ободгардидани беш аз 40 зиёратгоҳи муқаддас, аз нав сохта шудани Фурудгоҳи байналмилалии «Самарқанд», ба фаъолият шурӯъ кардани даҳҳо меҳмонхонаи бренди байналмилалӣ иқтидори сайёҳии вилоятро ба марҳилаи нав бароварда.

Самарқанд дар солҳои охир ба маркази сиёсӣ, иқтисодӣ, сайёҳӣ ва тиҷорӣ, майдони мулоқот барои чорабиниҳои бузурги байналмилалӣ, форум ва ҳамоишҳо табдил ёфт.

Танҳо дар соли ҷорӣ дар ин ҷо баргузор шудани беш аз 40 ҳамоиши бонуфузи байналмилалӣ, бахусус, чанде пеш доир гардидани сессияи 43-юми Конфронси генералии ЮНЕСКО дар ҳақиқат, воқеаи таърихӣ гардид.

Умуман, ба туфайли ҷалби 1 миллиард доллар сармоя ба сайёҳӣ ва соҳаҳои ҳаммонанд, раванди ташрифи сайёҳон ба вилоят нисбат ба соли 2016 ҳафт баробар афзуд, содироти хидматрасониҳои сайёҳӣ ба 600 миллион доллар расид.

Имрӯз вилоят на танҳо бо иқтидори бузурги сайёҳӣ, балки дар самтҳои саноат, кишоварзӣ ва хидматрасонӣ низ ба як минтақаи ҷолиб барои сармоягузорон ва соҳибкорон табдил ёфтааст.

Дар ҳашт соли охир ба вилоят 12 миллиард доллар сармоя ҷалб шуд, 600 ҳазор ҷойи доимии корӣ таъсис ёфт, шумораи соҳибкорон ду баробар афзуд.

Теъдоди корхонаҳои истеҳсолӣ 1,5 баробар, ҳаҷми саноат 1,7 баробар зиёд шуд. Шумораи корхонаҳое, ки гардиши солонаашон аз 100 миллиард сӯм зиёд аст, ба 81 адад расид. Аз 55 давлат сармоягузорони хориҷӣ фаъолиятро оғоз карданд, шумораи корхонаҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ ба 700-то наздик шуд.

Хидматрасонӣ солона ба ҳисоби миёна 15 фоиз меафзояд, имсол ҳаҷми сервис ба 75 триллион сӯм хоҳад расид.

Инчунин, дар соли 2024 ва 10 моҳи соли ҷорӣ 15 миллион метри мураббаъ хонаву ҷой ва иншооти тиҷоратӣ бунёд гардид. Бинокорони Самарқанд дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳар сол 4,5 миллион метри мураббаъ бинову иншоот месозанд.

Маҳсулоти умумии дохилии вилоят соли 2016 ҷамъ 23 триллион сӯмро ташкил карда бошад, имсол ба 120 триллион хоҳад расид.

Мардум бар он назаранд, ки ба туфайли корҳои дар вилоят анҷом ёфта, дар сатҳи ҳаёти хонаводаҳо тағйироти бузурги мусбат ба вуҷуд омадааст.

Масалан, дар даври гузашта ба маблағи 2 триллион сӯм 3 200 километр шабакаи оби нӯшокӣ ва партовоб сохта шуд.

– Бо як сухан, мо тавонистем Самарқандро ҳам барои аҳолӣ ва соҳибкорон ва ҳам барои сайёҳону сармоягузорон ба минтақаи ҷолиб табдил диҳем, – гуфт Президент.

Дар Ургут, ки дар байни ноҳияҳои ҷумҳурӣ аҳолии аз ҳама зиёд дорад, беш аз 600 ҳазор нафар истиқомат мекунанд.

– Ноҳияи Ургут солҳо ин ҷониб дар соҳаи кишоварзии вилоят пешсаф аст. Дар заминҳои холӣ ва санглох Минтақаи озоди иқтисодии «Ургут»-ро таъсис додем, дар натиҷаи ба кор даромадани 74 лоиҳа ба маблағи 860 миллион доллар, Ургут ба минтақаи саноатӣ табдил ёфт, – гуфт роҳбари давлат.

Рушди саноат ба савдо ва хидматрасонӣ низ такони ҷиддӣ бахшид. Ҳоло Ургут дар саноати вилоят дар мақоми 3-юм ва дар соҳаи хидматрасонӣ дар ҷойи 4-ум қарор дорад.

Имрӯз дар Ургут боз як рӯйдоди таърихӣ ба амал омад – хати нави роҳи оҳан ба дарозии 55 километр ба истифода супорида шуд. Корҳои барқикунонии ин шабака то соли оянда пурра анҷом дода мешаванд. Ин пеш аз ҳама барои аҳолӣ шароити мусоид фароҳам меорад ва ҳамзамон, барои соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва хидматрасонӣ дари имкониятҳои навро мекушояд.

Зикр гардид, ки сокинони минтақа дер боз ҳалли масъалаҳои марбут ба манзил, канализатсия, оби нӯшокӣ, мактаб, кӯдакистон, беморхона ва инфрасохтори тиҷоратиро интизор буданд. Аз ин рӯ, Президент қарори алоҳида дар бораи ворид кардани рӯҳияи «Ӯзбекистони Нав» ба маркази Ургут ва ба яке аз шаҳрҳои зебо ва замонавии кишвар табдил додани онро имзо намуд.

Эълон шуд, ки аз минтақаи ҳамшафати мавзеи «Ӯзбекистони Нав», воқеъ дар маҳаллаи Қуйи Камонгарон 90 гектар замини иловагӣ ҷудо шуда, дар асоси шаҳрсозии муосир экошаҳр барои 100 ҳазор нафар аҳолӣ сохта мешавад.

Барои сохтмони роҳ, об, партовоб, барқ, мактаб, боғча, беморхона ва дигар иншооти инфрасохтор, инчунин лоиҳаҳои соҳибкорӣ 50 миллион доллар ҷудо карда мешавад.

Дар 3 гектар майдони шаҳри нав барои 35 ташкилоти ноҳия маркази ягонаи маъмурӣ бунёд мегардад. Биноҳои холишудаи онҳо бошад, барои тиҷорат ба бахши хусусӣ пешниҳод карда мешаванд.

Боз як навид – 17,5 ҳазор гектар замин аз ноҳияҳои Оқдарё, Пайариқ, Пастдарғам, Тайлоқ ва Самарқанд ба шаҳри Самарқанд ҳамроҳ карда мешавад. Аз ин ҳисоб, аҳолии шаҳр аз 604 ҳазор ба 882 ҳазор нафар меафзояд.

Аз ин рӯ, барои қонеъ кардани талабот ба манзили замонавӣ дар шаҳри Самарқанд, ки рӯз то рӯз аҳолӣ ва даромадаш зиёд мешавад, 3 мавзеи бузург интихоб гардид. Аз ҷумла, дар мавзеи «Ширин» барои 180 ҳазор, дар ҳудуди «Темир йўл орти» барои 100 ҳазор ва дар мавзеи «Қорасув-2» барои 30 ҳазор нафар аҳолӣ зиёда аз 700 бинои истиқоматии замонавии баландошёна сохта мешаванд.

Дар ин ҷойҳо мактаб, кӯдакистон, донишгоҳ, беморхона, марказҳои муосири тиҷорату хидматрасонӣ, меҳмонхона ва ресторан, марказҳои фароғатӣ низ бунёд мегарданд. Бо сармоягузорони испанӣ дар асоси шарикии хусусӣ низоми канализатсияи ин се мавзеъ нав карда мешавад.

Бо мақсади кам кардани ҳаракати нақлиёти боркаш дар шаҳр, дар канори шоҳроҳ, ки аз ноҳияҳои Оқдарё, Тайлоқ ва Самарқанд мегузарад, 4 маркази логистикӣ сохта мешавад.

Роҳбари давлат дар мисоли Ургут имкониятҳоро таҳлил карда, барои соли оянда дар назди вазирон ва ҳокимон вазифаҳои мушаххас гузошт.

Дар сессия масъалаи ташкилӣ низ баррасӣ шуд.

– Мо барои арҷгузорӣ ба қадри инсон ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ тавассути рушди устувори иқтисодиёт дар мамлакат, ҳадаф ва нақшаҳои бузург дорем. Барои ташкили ин корҳо ба вилоят роҳбари боиқтидоре лозим аст, ки ба таври замонавӣ фикр намояд, мушкилотро бонизом таҳлил карда, роҳи ҳалли инноватсионии онҳоро дарёбад, – гуфт роҳбари давлат.

Президент ба мақоми ҳокими вилояти Самарқанд номзадии Адиз Бобоевро, ки иҷрокунандаи вазифаи ҳоким буд, тавсия намуд.

Пас аз шунидани андешаҳои фаъолони вилоят дар бораи номзад, масъалаи таъини ҳокими вилоят ба овоз гузошта шуд. Тибқи натиҷаҳои овоздиҳӣ Адиз Бобоев ҳамчун ҳокими вилоят тасдиқ гардид.

Президенти кишвар ба ҳокими нав таъкид намуд, ки ӯ бояд дар масъалаҳои таъсиси ҷойҳои корӣ, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, зиёд намудани ҳаҷми сармоягузорӣ ва содирот, паст кардани арзиши аслӣ ва афзунсозии самаранокии энергетикӣ Самарқандро ба минтақаи намунавӣ табдил диҳад.

Дар поёни ҷамъомад роҳбари давлат ҳисобот ва нақшаҳои масъулонро шунид.

Президент Шавкат Мирзиёев дар рафти сафар бо фаъолияти филиалҳои самарқандии Маркази тандурустии рақамӣ ва Маркази ҷумҳуриявии ихтисосонидашудаи илмӣ-амалии кардиология шинос шуд.

Дар як соли охир корҳои рақамисозии соҳаи тандурустӣ дар кишвари мо ба марҳилаи сифатан нав расиданд. Бо мақсади мунтазам ба роҳ мондани ин раванд дар сохтори Вазорати тандурустӣ Маркази тандурустии рақамӣ таъсис дода шуд.

Ба Президент корҳое, ки дар филиали самарқандии ин марказ анҷом дода мешаванд, муаррифӣ гардид. Дар бораи ҷараёни рақамисозӣ дар муассисаҳои тиббии вилоят, қарорҳои барномавӣ ва технологияҳои зеҳни сунъӣ, ки барои ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот оид ба бемориҳо, беморон ва доруворӣ истифода мешаванд, ҳамчунин дар бораи чӣ гуна натиҷаҳои амалӣ додани ин технологияҳо муфассал маълумот дода шуд.

Хусусан, дар соҳаи тандурустӣ платформаи ягонаи электронии иттилоотии DMED ба истифода дода шуд, ки дар он маълумоти тиббии зиёда аз 36 миллион шаҳрванд ворид гардидааст. Дар хадамоти ёрии таъҷилии тиббӣ идоракунии электронӣ ҷорӣ шуд, ки боиси коҳиши вақти расидани гурӯҳҳои ёрии таъҷилӣ ба даъватҳо гардид.

Илова бар ин, ба шарофати ҷорӣ шудани низоми «Дорухати электронӣ» шумораи ҳолатҳои таъиноти беасоси доруворӣ 40 фоиз кам шуд ва гардиши воситаҳои доруворӣ шаффофтар гардид.

Муассисаҳои давлатии тиббӣ дар саросари кишвар бо таҷҳизоти муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ таъмин карда шуда, инфрасохтори ягонаи рақамӣ ташаккул ёфт. Зиёда аз се ҳазор муассисаҳои тиббӣ ба шабакаҳои маҳаллӣ пайвастанд. Ҳазорон компютерҳои нав харидорӣ гардида, пойгоҳи моддию техникӣ мустаҳкам карда шуд.

Президент зарурати дастрасии давлатро тавассути рақамисозӣ ба ҳамаи маълумоти таҳлилӣ, ки ба соҳаи тандурустӣ вобастаанд, таъкид намуд. Ин омил воситаи муҳими муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи тиб, тақсимоти дурусти маблағ ва захираҳо, танзими гардиши воситаҳои доруворӣ ва решакан намудани фасод мебошад. Ба роҳбарони масъул дастур дода шуд, ки корҳои дар ин самт оғозшударо мунтазам идома диҳанд.

– Дар ҳоле ки ҷараёни мизоҷон, сохтори бемориҳо ва сифати табобат мунтазам ва амиқ таҳлил карда мешаванд, самаранокии тамоми система метавонад ба таври назаррас баланд гардад, – гуфт Президент.

Масъалаҳои таъмини шаффофият ва танзими дурусти тақдими доруворӣ, инчунин соддагардонии раванди иҷозатномадиҳӣ баррасӣ шуданд.

Дар кишвари мо ба ошкорсозии барвақти бемориҳои дилу раг ва тавсеаи хидматрасониҳои тиббии баландтехнологӣ таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Чун дар ҳамаи минтақаҳои кишвар, филиали самарқандии Маркази илмӣ-амалии ихтисосонидашудаи кардиология комилан навсозӣ шуда, симои замонавӣ касб намуд.

Сарвари давлат бо шароити дар ин ҷо фароҳам овардашуда шинос шуд.

Барои рушди марказ дар маҷмӯъ 52 миллиард сӯм равона гардида, корҳои бузурги бозсозӣ анҷом дода шуданд. Имрӯз марказ ба муассисаи табобатии дорои 100 кат табдил ёфта, бо 262 намуди таҷҳизоти тиббӣ муҷаҳҳаз шудааст.

Барои густариши фарогирии ҳудудӣ низоми ташхиси мобилӣ ҷорӣ гардид, ки ба туфайли он тақрибан ҳафт ҳазор бемор аз коронарография гузаронида шуданд. Дар доираи лоиҳа инчунин шуъбаи эҳё, маркази ситуатсионӣ ва толори интизорӣ симои замонавӣ гирифтанд.

Дар марказ ба омодасозии кадрҳо низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода мешавад, ки ин раванд дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд амалӣ мегардад. Ординатураи клиникӣ оид ба кардиохирургия кушода шуд, ки ба баланд бардоштани сатҳи тахассуси мутахассисони маҳаллӣ мусоидат менамояд.

Ба туфайли имкониятҳои нав доираи хидматрасониҳои тиббии баландтехнологӣ ба таври ҷиддӣ тавсеа ёфт. Аз ҷумла, шумораи ҷарроҳиҳои дилу раг дар як сол аз 383 то 590 афзуд.

Дар ҷараёни тақдимоти барномаи миллии «Мубориза бар зидди инфаркт ва инсулт» оид ба омори бемориҳои дилу раг ва бемориҳои мағзӣ, динамикаи панҷсолаи ин бемориҳо, барномаҳои миллӣ, ки ба стандартҳои аврупоӣ ҷавобгӯянд, инчунин натиҷаҳои лоиҳаи пилотӣ маълумот пешниҳод гардид.

Ҳамчунин дар бораи низоми роҳнамоии беморон, ки бо мақсади ошкорсозии барвақт, пешгирӣ ва табобати бемориҳои дилу раг ва инсулт таҳия шудааст, маълумот дода шуд.

Президент таъкид намуд, ки чунин марказҳо дар баланд бардоштани сифати ёрии тиббӣ ва беҳтар сохтани саломатии аҳолӣ нақши муҳим доранд ва таҷрибаи дар Самарқанд ба дастомада бояд ба дигар минтақаҳо низ татбиқ карда шавад.

Бо ҳамин сафари Сарвари давлат ба вилояти Самарқанд анҷом ёфт.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Ғолиб ХАСАНОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**Беҳрӯз ХУДОЙБЕРДИЕВ,**
**мухбирони ӮзА.**

# ГАРМХОНАҲОИ МУОСИР – ОМИЛИ МУҲИМИ ПАРВАРИШ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Гуфта шуд, ки гармхонаҳо ба як озмоишгоҳ табдил ёфтаанд ва муҳаққиқон ва донишҷӯён аз он барои гузаронидани таҷриба, ҷорӣ кардани навовариҳо ва афзоиши иқтидори илмӣ истифода менамоянд. Раҳмонов аз қавли мутахассисон изҳор намуд, ки аксари кашфиётҳои бузурги илмии марбут ба соҳаи меваю сабзавот маҳз дар шароити гармхона анҷом дода шудаанд.

– Дар ҳақиқат, ин гармхонаҳо барои донишгоҳ ва муҳаққиқону донишҷӯёни он имкониятҳои васеи таҷрибаомӯзиро фароҳам овардааст. Ин лоиҳа на танҳо барои илм, балки барои ҷомеаҳои кишоварзӣ низ аҳамияти муҳим касб менамояд.

Дар айни замон, ин гармхонаҳо заминаи муосирро барои таҳқиқот, инноватсия ва маориф фароҳам овардаанд. Дар ин самт муттаҳид намудани технологияҳои муосир ва иқтидори илмӣ, ки дар доираи ин лоиҳа пешбинӣ шудааст, ба насли нав имкон медиҳад, ки системаи устувор ва ба иқлим тобоварро таҳия кунанд.

Дар идомаи мавзӯъ далели афзоиши талошҳо барои сохтмони гармхонаҳоро дида мебароем, ки бевосита ба зиёдшавии аҳолӣ ва эҳтиёҷу талабот ба маҳсулоти гуногуни истеъмолӣ мебошад. Ба маълумоти омории байналмилалӣ рӯй меорем ва мебинем, ки дар айни замон бештар аз 14 дарсади аҳолии ҷаҳон аз ғизои мавҷуда қаноат намекунанд. Ҳатто бештари ин аҳолӣ бо гуруснагӣ рӯ ба рӯ ҳастанд. Хушбахтона, ин ҳолати нигаронкунанда дар кишвари мо дида намешавад ва он ба мардуми мо таҳдид намекунад.

Қобили қайд аст, ки сабзавотпарварӣ яке аз манбаъҳои асосии даромади аҳолии деҳот мебошад.

– Дар ин давраи пурмоҷаро мардуми моро лозим аст, ки вазъиятро то ба норасоии маводи ғизоӣ оварда нарасонанд. Зеро сол аз сол камшавии оби рӯдхонаҳо ва мушкил эҷод намудани дастрасӣ ба обе, ки аз дарёҳои кишварҳои ҳамсоя то ба мо ҷорӣ мешаванд, тақозо менамояд, ки ба ташкили ҳарчи бештари гармхонаҳое машғул шавем, ки тавассути истифодаи обёрии қатраӣ ба роҳ монда мешаванд, – мегӯяд мутахассиси бахши кишоварзӣ Зуҳриддин Неъматов.

Вай меафзояд, ки дар Ӯзбекистони мо аҳолӣ солона ба ним миллион нафар зиёд мешавад ва ин масъалаи таъмин бо маводи ғизоиро бештар муҳим мегардонад. Президент ҳанӯз 20 ноябри соли 2018 «Дар бораи чораҳо оид ба фароҳам овардани шароити иловагӣ барои рушди комплексҳои гармхонаӣ» қарореро ба имзо расонидааст. Дар ин ҳуҷҷат анҷоми як қатор вазифаҳо нишон дода шудаанд, ки бидуни иҷрои он наметавон истеҳсоли маҳсулоти сабзавотиро афзун намуд.

Ногуфта намонад, ки ҳоло дар ҳама ҷо формати кластерӣ ҷорӣ шудааст, ки тамоми раванди истеҳсоли меваю сабзавотро дар доираи шарикии давлатӣ ва хусусӣ фаро гирифтааст. Дар ин замина таъсиси маҷмааҳои муосири гармхонаӣ бо истифода аз технологияҳои каммасрафи энергия рӯи кор омадаанд.

– Ман чанд сол муқаддам дар се сотих замин гармхона сохтам ва аз бозор ниҳолчаҳои хурдакаки лимӯ харида шинондам. Он солҳо таъмини газ дар минтақаи мо чандон хуб набуд. Бо машварати мутахассисон бар асари мушкилиҳои зиёд ниҳолчаҳои лимӯро аз хунукзанӣ наҷот додем. Сонӣ оҳиста фишори газ мӯътадил гардид ва нашъунамои ниҳолҳои лимӯ хуб шуд. Соли ҳаштум аст, ки дар гармхона солона ҳудуди 550-600 кило ҳосили лимӯ парвариш мекунем, – изҳор намуд сокини ҷамоати шаҳрвандони Сӯфони шаҳри Қувасой Дилшод Сотиболдиев.

Дар ин маҳалла ҳоло даҳҳо нафар дар заминҳои бекорхобида ва як идда сокинони он дар заминҳои наздиҳавлиашон гармхона сохта, ба парвариши



сабзавот ва маҳсулоти гуногуни полизӣ машғуланд. Дилшод Сотиболдиев мегӯяд, ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои тобеи шаҳри Қувасой ба парвариши сабзавот ва боғпарвариву чорводорӣ тахассус ёфтааст ва аз ҳисоби он сол аз сол даромади мардум меафзояд ва зиндагӣ хурраму обод мешавад.

Аммо бо вуҷуди корҳои хубу мусбат баъзе гармхонаҳое, ки дар ивази маблағҳои калон арзи вуҷуд намудаанд, ба далели бемасъулиятӣ ва сабабҳои дигари субъективӣ аз фаъолият бозмондаанд. Чунин гармхона дар ноҳияи Сӯх низ ба қайд гирифта шудааст, ки барои сохтани он бештар аз ду миллиард сӯм харҷ шудааст. Аз ин миқдор 700 миллион сӯм худи соҳибкор буда, маблағи боқимондаро бонк қарз додааст. Гуфта мешавад, ин гармхона то ҳанӯз ҳеҷ фоида ба даст наовардааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Дар доираи талошҳои густурдаи рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ бо Британияи Кабир дар Сафорати кишвари мо дар Лондон якҷоя бо «IT Park Uzbekistan» форуми тиҷоратии «Uzbekistan Outsourcing Conference» баргузор гардид.***

# ДАР ЛОНДОН ФОРУМИ «UZBEKISTAN OUTSOURCING CONFERENCE» БАРГУЗОР ШУД

Ин чорабинӣ ширкатҳои пешбари технологии Британия, ширкатҳои IT ва провайдерҳои хизматрасониро муттаҳид намуда, ба як минбари муҳими ҳамкориҳои инноватсионӣ байни ду кишвар табдил ёфт.

Дар форум намояндагони зиёда аз 60 ширкати бонуфуз, аз ҷумла «Coursera», «Montfort», «Academia Park», «AttoLabs», «Antal International», «Propelis», «Mircoland Limited», «Global Telecom Networks», «Salesforce», «H-Tech Supports» ва «BOX3» ширкат варзиданд. Аксари онҳо таҷрибаи ғании фаъолияти байналмилалӣ дошта, ба имкониятҳои бузурги рушди саноати IT дар Ӯзбекистон таваҷҷуҳи ҷиддӣ изҳор намуданд.

Дар конфронс ислоҳоте, ки солҳои охир барои рушди соҳаи технологияҳои иттилоотии кишвар амалӣ шудаанд, имтиёзҳои андозӣ, низоми омодасозии мутахассисони IT, имкониятҳои кадрӣ дар минтақаҳо ва афзалиятҳои мақоми резиденти IT-Парк муфассал баррасӣ гардиданд.

Дар пешниҳоди лоиҳаҳо бори дигар потенсиали Ӯзбекистон дар бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои рақамӣ тавассути намунаҳои лоиҳаҳои бузурги трансформатсияи рақамӣ нишон дода шуд. Қобили зикр аст, ки танҳо дар як моҳи охир ба IT-Парк 70 ширкати нави хориҷӣ ҳамроҳ шудаанд, ки 55 адади онҳо ба содироти хизматрасониҳои рақамӣ машғуланд. Шумораи умумии резидентҳои байналмилалӣ аз 900 нафар гузашт.

Дар рафти форум чанд ширкати бритониёвии резиденти IT-Парк — «Coursera», «Montfort», «Academia Park», «AttoLabs» — таҷрибаи мусбати худро дар Ӯзбекистон бо иштирокчиён баҳам диданд. Онҳо таъкид намуданд, ки муҳити тиҷоратӣ, сатҳи тахассуси мутахассисон ва экосистемаи IT дар Ӯзбекистон босуръат рушд мекунанд ва барои фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар анҷоми чорабинӣ миёни «IT Park Ventures» ва як қатор ширкатҳои бритониёӣ созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расиданд. Ин созишномаҳо қадамҳои нави амалӣ дар самти аутсорсинг, сармоягузорӣ, мубодилаи таҷриба ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар моҳҳои наздик хоҳанд шуд.

Форуми дар Лондон баргузоршуда ба намояндагони соҳаи IT-и ду кишвар барои муколамаи ошкоро, муҳокимаи ғояҳои ҳамкорӣ ва оғоз намудани ташаббусҳои муштарак имкониятҳои фарох фароҳам овард. Натиҷаҳои чорабинӣ бори дигар нуфузи афзояндаи Ӯзбекистонро ҳамчун маркази рақобатпазири IT дар Аврупо тасдиқ намуданд.

**Ҷеймс ОЛЛӢ, муассиси ширкати «Montfort»:**



— Имрӯз чорабинии беҳтарин — энергия ва рӯҳи бузург баргузор шуд. Форум воқеан динамикаи бозори Ӯзбекистон, истеъдодҳо ва имкониятҳоро инъикос кард. Мо аз фаъолиятамон дар минтақа хеле хурсандем ва умедворем, ки дар солҳои наздик лоиҳаҳои бештарро амалӣ мекунем.

Нотиқон ва иштирокчиён низ олӣ буданд. Ин имконияти хубе буд, ки бо бисёре аз шахсони ба минтақа таваҷҷуҳдошта шинос шавем. Хеле суханрониҳои пуртаъсир ва рӯҳбахш баргузор шуданд, фазои толор низ хеле гарм буд.

Аз «IT Park Uzbekistan» сипосгузорем, ки моро ҷамъ овард.

**Энтони ГУДВИН, муассиси «Antal International» :**



— Имрӯз ба таъсиси дафтари тошкандии мо панҷ сол шуд. Мо дар ҷустуҷӯи беҳтарин мутахассисон дар Ӯзбекистон, махсусан дар бозори бузург ва босуръат рушдёбандаи Тошканд, ба дараҷаи касбӣ кор пеш мебарем.

Дар панҷ соли охир мо ба бозори нисбатан ҷавон, зуд рушдёбанда ва фоиданок бо сифати хизматрасониҳои сатҳи ғарбӣ ворид гардида, ба муваффақиятҳои калон ноил шудем.

Аз нуқтаи назари амалӣ барои мо аз ҳама гуворояш он аст, ки дар Ӯзбекистон мутахассисони маълумоташон олӣ донишманд ва баландихтисос ҳастанд. Потенсиали онҳо ба тиҷорати муштариёни мо фоидаи бузург меорад.

Муҳимаш он аст, ки новобаста аз сатҳи хуби тиҷорат, барои муваффақ шудан кадрҳои қавӣ лозиманд. Инҷо танҳо бо таҷрибаи кор дар бозорҳои дигар — дарк кардани хусусиятҳо ва омилҳои калидии бозорҳои Тошканд ва Ӯзбекистон рушд кардан мумкин аст.

Бо дарназардошти рушди босуръати бозор, ман тавсия медиҳам, ки ҳарчи зудтар ба ин ҷо омада имкониятҳои худро бисанҷед.

**Ғуфрон АТТО, муассис ва директори генералии «AttoLabs»:**



— Ман муассис ва директори генералии AttoLabs, ширкати воқеъ дар шаҳри Цюрих (Швейтсария) ҳастам, ки дар Ӯзбекистон фаъолият дорад. Мо ба мизоҷони худ ҳалли абрӣ ва барномаҳои инфиродии дорои зеҳни сунъиро барои баланд бардоштани самаранокӣ, оптимизатсияи равандҳои тиҷоратӣ ва афзоиши арзиши маҳсулот пешниҳод мекунем. Барои ман шарафи бузург буд, ки бо ҳамкорони бритониёӣ дониш ва таҷрибаи худро мубодила намоям, қисме аз таҷрибаҳои худро ба онҳо расонам ва онҳоро барои омадан ба Ӯзбекистон ва ифтитоҳи ширкатҳои худ илҳом бахшам.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ЛОНДОН.*

# МАСКАНИ НАВИ ТУРИЗМ ДАР АЙДАРКЎЛ БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД

***Тибқи фармоиши Девони Вазирон аз 11 апрели соли 2025, дар ҳудуди силсилаи кўлҳои Айдар–Арнасой дар вилояти Ҷиззах вазифа гузошта шуда буд, ки аз имкониятҳои мавҷудаи сайёҳӣ самаранок истифода бурда, барои сайёҳони дохиливу хориҷӣ шароити қулай фароҳам оварда шавад, инфрасохтори муосири роҳу нақлиёт ва хизматрасонӣ ташаккул ёбад ва як маркази нави сайёҳӣ бунёд гардад.***




Дар доираи иҷрои ин фармоиш маҷмааи нави сайёҳии «Aydarko'l Resort», ки доираи васеи хизматрасониҳоро ба меҳмонон пешниҳод мекунад, ба истифода супурда шуд.

Дар маросими ифтитоҳ иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Ҷиззах Улуғбек Мустафоев иштирок намуда, дар бораи аҳамияти ин лоиҳа зад, саломатии худро беҳтар созанд ва вақти фароғатиро дар табиат гузаронанд, бунёд ёфтааст. Ба ғайр аз 23,8 гектар замин, 5 гектар майдони махсуси шиноварӣ низ ба ин маҷмаа дохил мешавад. Дар доираи лоиҳа пансионати 100 ҳуҷрадор барои 200 нафар, меҳмонхонаи 300-нафара, 40 хонаи капсулавӣ барои 100 нафар, истҳи баланд фароҳам меорад. Шуъбаи санаторияи маҷмаа ба муолиҷа ба воситаи физиотерапия, аз ҷумла гили шифобахш ихтисос ёфта, бо таҷҳизоти муосири терапевтӣ таъмин шудааст.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳимтарини лоиҳа ҷалб гардидани бренди бо нуфузу байналмилалии меҳмонхонаи Accor Group-и Фарғона мебошад.




ҳарф зад. Ба гуфтаи ў, бо ташаббуси бевоситаи роҳбари давлат ва бо маблағгузории Бонки миллии Ўзбекистон, ин маскани экотуризм, ки бар асоси ҳамоҳангии туризм ва экология таъсис ёфтааст, барои аҳолӣ ва меҳмонони хориҷӣ туҳфаи воқеӣ гардид.

Ин лоиҳа бо сармоягузории ҶС «Ўзмиллийбонк» амалӣ шуд ва ҳамчун як маҷмааи муосир бо хидматрасониҳои зарурӣ барои меҳмононе, ки мехоҳанд истироҳат кунанд, бо варзиш шуғл варгоҳи автомобилии дорои 500 ҷой, ҳавзи кушоди 25х12 метр, картодром, боғчаи бозии кўдакон ва майдончаҳои варзишӣ бунёд шуданд. Барои кабудизоркунии ҳудуд 2 ҳазор ниҳоли дарахтони ороишӣ шинонида шуданд.

Барои меҳмонон киштии 60-нафара, 4 завраќи муҳаррикдор, парасейлинг, 10 квадросикл, 10 картинг ва аттраксиони обӣ муҳайё карда шуд. Минтақаи соҳилӣ имкони баргузории мусобиқаҳои гуногуни варзиширо дар саМеҳмонхона таҳти бренди «Greet Aydarko'l» ва дар ҳамкорӣ бо ширкати идоракунии «HotelPro» фаъолият мекунад. Ин ҳамкорӣ мутобиқати сифат ба стандартҳои байналмилалӣ, самаранокии идоракунӣ ва шинохта шудани он дар бозорро таъмин менамояд.

Дар доираи лоиҳа 150 ҷойи кори доимӣ фароҳам оварда шуд. Дар корҳои ободонии ҳудуд 30 миллиард сўм ҷудо шуда, 28,5 километр роҳи автомобилии таъмиргардида ба истифода дода шуд. Бо 6 миллиарду 26 миллион сўм 3,3 километр шабакаи оби нўшокӣ, анбори оби 500-метри мукааб ва нуқтаи назоратӣ бунёд гардид. Ба нақша гирифта шудааст, ки 94 нафар шаҳрванди бекори маҳалла, аз ҷумла 33 ҷавон бо кор таъмин карда шаванд. Дар техникуми Арнасой равияи хизматрасонӣ ва туризм кушода шуда, ҷавонон дар ин соҳа омода карда мешаванд.

– Ман соли 1983 аз вилояти Самарқанд ба ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Бахтли»-и қишлоқи Наврўз кўчида омада, зиёда аз 40 сол дар Айдаркўл ҳамчун моҳигир, баъд роҳбари бригадаи моҳигирон кор кардам, – мегўяд Хўҷамуродбобо Эрматови 82-сола. – Роҳҳои мо хеле хароб буданд: зимистон лой, тобистон пур аз чангу ғубор. Ба шарофати сохтмони ин маҷмаа, роҳҳои ҳамвор ва асфалтпўш пайдо шуданд. Таъминоти барқ беҳтар гардид, оби нўшокии тоза оварда шуд. Ҷавонони мо, бахусус бонувон, ки пеш танҳо ба моҳигирӣ ва чорводорӣ машғул буданд, акнун ба корҳои доимӣ ҷалб шуданд. Мо аз ин хеле хурсанд ҳастем.

Депутати Шўрои вилояти Ҷиззах Рустам Ўтабоев корҳои созандаро чунин арзёбӣ кард:

– Ман беш аз 50 сол дар ноҳияи Арнасой зиндагӣ карда, ба фаъолияти фермерӣ машғул ҳастам. Соли гузашта, вақте ба ин ҷо омадам, он пур аз буттаву чакалакзор буд. Бубинед, дар давоми ҳамагӣ 6–7 моҳ санаторияи бошукўҳ, хостел, ресторан, капсулаҳои истироҳатӣ, иншооти табобатӣ ва варзишӣ бунёд шудаанд. Пеш ин ҷо роҳ надошт, ҳоло бошад роҳи асфалпўши хеле ҳамвор арзи вуҷуд кардааст. Дар бораи сохтмони фурудгоҳ ҳатто фикр намекардем, аммо акнун хатсайри ҳавоӣ ба роҳ монда мешавад. Дарояндаи наздик сохтани роҳи оҳан низ дар нақша аст. Мо – тамоми мардуми Арнасой аз Президент ва Бонки миллии Ўзбекистон хеле миннатдорем.

Маҷмаа, ки ҷараёни иҷрои лоиҳаи сайёҳии 220 миллиард сўминаи «Discover Invest» мебошад, метавонад ҳамзамон то 1000 сайёҳро қабул кунад. Соли оянда ифтитоҳи меҳмонхонаи дорои 300-ҷой ва иншооти иловагии сайёҳӣ низ ба нақша гирифта шудааст.

То анҷоми соли 2026 ба маҳаллаи «Бахтли» мақоми маҳаллаи сайёҳӣ дода мешавад. Дар 68 оила низоми меҳмонхонаҳои хонагӣ ҷорӣ мегардад. Инфрасохтор бо маблағи 7 миллиард сўм, ки барои аҳолӣ ҷудо шудааст, тадриҷан беҳтар карда мешавад.

Ба нақша гирифта шудааст, ки 500 ҳазор сайёҳ аз Тошканд, Сирдарё ва вилояти Самарқанд ҷалб карда шавад. Барои оилаҳо ва ҷавонон турпакетҳои махсуси «Sheekend tour», «Family rest», «Youth camp» роҳандозӣ мешаванд.

Ҳудуди кунунии 23,8 гектараи силсилаи кўлҳои Айдар – Арнасой дарояндаи наздик ба як шаҳраки хурди сайёҳии 400 гектара табдил меёбад. Дар натиҷа, 20 хидмати нав ба роҳ монда шуда, 1000 нафар аҳолӣ бо кор таъмин мегарданд. Ҳамасола қабули 100 ҳазор сайёҳи хориҷӣ ва 500 ҳазор сайёҳи маҳаллӣ пешбинӣ шудааст.

Айдар – Арнасой минбаъд низ ҳамчун яке аз марказҳои нави ҷолиби сайёҳии кишвар рушд хоҳад ёфт.

**Абдуҷалол ҚАЮМОВ,**
**мухбири ЎзА.**
**Суратгир: Ҷ. ЁРБЕКОВ (ЎзА).**

*Аз рўзгори бузургон*

# ТАСОДУФҲОИ АҶИБИ ЗИНДАГӢ

Оғози асри ХХ як чорвопарвари шотландӣ ба хона бармегашт. Вақте аз канори ботлоқ мегузашт, садои имдодҷўёнаи касеро шунид. Он сў шитофту писаракеро дид, ки дар ҳоли ғарқшавист. Мард чўби ғафсеро шикаста, эҳтиёткорона сўйи писар дароз кард ва ўро аз ботлоқ берун овард. Писараки ҳаросхўрда меларзид, ашк рўяшро мешуст.

– Биё, ба хонаи ман равем, то ором ва гарм шавӣ, – гуфт ў.

– На, маро падар интизор аст, аз дер омаданам шояд дар изтироб бошад, – посух дод писарак ва ба марди накукор миннатдорӣ намуду сўи зистгоҳи хеш тозон шуд.

Сапедадам фойтуне ба аспҳои хушзот дар назди манзили чорвопарвар қарор кард. Аз фойтун марди хушлибосе берун омад ва пурсид:

– Дирўз Шумо писари маро наҷот додед?

– Бале, – гуфт чорвопарвар.

– Бар ивази ин чӣ миқдор маблағ мехоҳед?

– Озурдахотирам накунед, бародар. Чизе лозим нест. Ман кореро кардам, ки бояд ҳар инсони солимақл мекард.

– На, наметавонам ин амалро бе подош гузорам, зеро фарзандам бароям бағоят азиз аст. Ҳар қадар маблағ мехоҳед, омодаам, ки бидиҳам, – гуфт марди хушлибос.

– Намехоҳам дар ин бора дигар ҳарфе бишнавам, – гуфт чорвопарвар ва пушт гардонда рафтанӣ шуд.

Ҳамин асно писараки чорвопарвар ба пешайвон баромад.

– Ин писари шумост? – пурсид мард.

– Бале, – бо ифтихор сари писарро навозишкорона посух дод чорвопарвар.

– Биёед ин тавр кунем. Писари шуморо бо худ ба Лондон бурда, маблағи таълимашро пардохт мекунам. Агар ў мисли падараш олиҳиммат бошад, на шумо ва на ман аз ин қарор пушаймон мешавем, – гуфт мард.

Чорвопарвар ризоият дод. Чанд сол сипарӣ шуду писари ў аввал мактаб, сипас донишгоҳи тиббиро поён бурд ва бо кашфиёти хеш – ихтирои пенитсиллин (доруи зидди микробҳо) дар ҷаҳон маъруф гашт. Ўро ном Александр Флеминг буд.

Пеш аз Ҷанги дувуми ҷаҳон дар яке аз шифохонаҳои Лондон писари ҳамон марди хушлибос бо нишонаҳои илтиҳоби музмини шуш бистарӣ гардид. Ўро маҳз бо ёрии пенитсиллин – ихтирои Александр Флеминг аз марг наҷот доданд.

Марде, ки Александр Флемингро соҳибмаълумот кард, Рандолф Черчилл ва писари ду маротиба наҷотёфтаи ў Уинстон Черчилл буд, ки баъдан то ба маснади сарвазири Англия расид.

Уинстон Черчилл шояд маҳз ин воқеаҳоро ба ёд меовард, ки доимо мегуфт: «Некӣ кунӣ, рўзе ҳатман некӣ мебинӣ!»

Таҳияи **ФАРАҲМАНД.**

*Ўзбекистон – Тоҷикистон:*

## МУЛОҚОТИ ОШКОРО ВА БОЭЪТИМОД ШАРИКИИ СТРАТЕГИРО ТАҲКИМ МЕБАХШАД

***Мулоқоти ошкоро ва боэътимоди роҳбарони давлатҳои Ўзбекистон ва Тоҷикистон барои амиқтар ва мустаҳкам гардидани шарикии стратегӣ, инчунин бо мазмуни амалӣ ғанӣ гардондани муносибатҳои дуҷониба хидмат мекунад.***

Дар ин бора зимни мулоқоти Раиси Сенати Ўзбекистон Танзила Норбоева бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонзода таъкид гардид.

Дар рафти мулоқот вазъи кунунии ҳамкориҳо миёни ду мамлакат баррасӣ гардид. Динамикаи мусбати ҳамкорӣ дар соҳаҳои савдо-иқтисодӣ, нақлиёт, энергетика, таълим ва фарҳангу гуманитарӣ қайд карда шуд.

Дар вохўрӣ ҳамчунин ба масоили густариши ҳамкориҳои байнипарлумонӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Фаъол гардидани робитаҳо дар доираи муколамаи бонувони пешсафи Осиёи Марказӣ ва имкониятҳои мавҷуда дар ин самт муҳокима гардиданд.

Дар анҷоми мулоқот ба сафир, ки фаъолияти дипломатии худро дар Ўзбекистон анҷом медиҳад, барои ҳамкориҳои созанда изҳори сипос карда шуд.

**Норгул АБДУРАИМОВА,**
**мухбири ЎзА.**

*Дар Нигористон*

***Дар Хонаи фотосуратҳои шаҳри Тошканд маросими ифтитоҳи намоиши аксҳои узви Иттифоқи журналистони Ўзбекистон Ким Брут таҳти номи «Бо ёди ҳама» баргузор гардид, ки бо ташаббуси Кумитаи равобити байналмиллӣ ва ҳамватанони бурунмарзии ҷумҳурӣ ва Ҷамъияти дўстии «Ўзбекистон – Куриё» ташкил карда шуд.***

## «БО ЁДИ ҲАМА»

Тавре дар чорабинӣ қайд гардид, намоишгоҳ бар пояи нашрияҳои рўзномаи «Корё Синмун»-и корейсҳои ўзбекистонӣ таҳия шудааст. Он инчунин аксҳо ва ҳуҷҷатҳоро аз бойгониҳои давлатӣ ва оилавӣ дар бар мегирад.

Албатта, бисёр аз экспонатҳо ба ҳамгироии муваффақонаи Ўзбекистон ба оилаи сермиллат бахшида шудаанд. Намоишгоҳ ба маънои муайян таҷрибавӣ аст. Дар намоишгоҳ аксҳо, сарлавҳаҳо ва пораҳои рўзнома бо матн васеъ истифода шудаанд. Аксари аксҳо таърихи тўлонӣ доранд.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

## НУР, ШАКЛ ВА ҲАЁТ – СЕГОНАИ ФАЛСАФӢ

***Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд намоишгоҳи шахсии рассоми ҷавон, узви Иттифоқи рассомони Ўзбекистон Муҳаммадҷон Сатторов таҳти унвони «Нур.Шакл.Ҳаёт» идома дорад.***



Сарлавҳаи сегонаи намоишгоҳ моҳияти ҷаҳонбинии рассомро ифода мекунад. Дар эҷодиёти мусаввир нур рамзи дониш, шакл ҳамчун тартиб ва ҳаёт рамзи ҳаракат маънидод мешавад.

– Нур ин донишест, ки дар дили рассом тавлид ёфта, ба тамошобин талқин мешавад. Шакл – тартиб ва сохтор аст ва ҳаёт ҳаракати байни онҳо, ларзиши ниҳон дар ҳар як матоъ. Шояд тамошобин онро набинад, аммо бо дилаш эҳсос мекунад, – мегўяд М. Сатторов.

Рассом устоди синтез аст. Тасвирҳои классикии ў ба экспрессионизми муосир мувофиқат мекунанд. Ў руҳияи ороишро тавассути забони бадеӣ шарҳ медиҳад.

Дар намоишгоҳ асарҳои «Роҳ ба водӣ», «Чанори калон», «Бедона», «Тирамоҳи заррин», «Модар», «Пазмонӣ», «Кўҳҳои муъҷизавӣ», «Ҳавлии фаромўшшуда», «Видоъи охирин», «Садои коинот» ва амсоли инҳо ҷой гирифтаанд, ки тамошобинро ба андеша водор мекунанд.

Муҳаммадҷон Сатторов аз ҷавонтарин намояндагони мактаби рангтасвир аст. Ў соли 1988 дар ноҳияи Риштони вилояти Фарғона таваллуд шудааст. Солҳои 2013-2017 дар Донишкадаи миллии рассомӣ ва дизайни ба номи Камолиддин Беҳзод таҳсил кардааст.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

## ҲИФЗИ ҲАЙВОНОТИ ВАҲШӢ ВА НАБОТОТИ НОДИР – ДАР МЕҲВАРИ БАРРАСИҲО




***Ҷумҳурии Ўзбекистон расман мизбони 20-умин Конфронси тарафҳои Конвенсия оид ба тиҷорати байналмилалии намудҳои зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи ҳайвоноти ваҳшӣ ва наботот (CITES CoP20) гардид, ки кори худро дар шаҳри Самарқанд оғоз кардааст.***

Дар рўзи аввал масъалаи «Аз сиёсат то амалия: мониторинг, маблағгузорӣ ва амал оид ба тиҷорати танзимшавандаи ҳайвоноти ваҳшӣ» ҳамчун мавзўи асосӣ дар меҳвари баррасии иштирокчиён қарор гирифт.

CITES як созишномаи байналмилалӣ буда, ҳадафи он танзими тиҷорати байналмилалии намудҳои ҳайвонот ва растаниҳои ваҳшӣ мебошад, то зиндамонии онҳо зери хатар қарор нагирад. Ўзбекистон аз соли 1997 узви ин созишнома буда, бархе аз намудҳои нодир, аз ҷумла паланги барфӣ, сайгак ва растаниҳои шифоббахш таҳти ҳимояи он қарор доранд.

Дар оғози ҳамоиш баргузории он дар Самарқанд қадами муҳим дар таҳкими ҳамкории байналмилалӣ арзёбӣ гардид. Ўзбекистон бо ҳамкории Котибияти CITES, Барномаи Рушди СММ (UNDP) ва дигар шарикон қатор чорабиниҳои стратегиро барои тақвияти таъсири CoP20 роҳандозӣ кардааст. Яке аз онҳо Муколамаи сатҳи баланд оид ба маблағгузории ҳифзи табиат мебошад.

Дар маросими ифтитоҳи ин муколама мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба масъалаҳои экологӣ ва раиси Кумитаи миллии экология ва тағйирёбии иқлим Азиз Абдуҳакимов, Дабири кулли CITES Ивонн Игеро ва намояндаи доимии UNDP дар Ўзбекистон Акико Фуҷий иштирок ва суханронӣ намуданд.

Азиз Абдуҳакимов таъкид кард, ки Ўзбекистон дастгирии фаъолонаи талошҳои минтақавӣ ва ҷаҳониро дар самти ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор идома медиҳад. Ҳамчун «Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисоди сабз» эълон шудани соли 2025 ифодаи равшани ҳадафи стратегӣ дар роҳи гузариш ба модели рушди «сабз» мебошад.

Ба гуфтаи ў, бо фармони Президенти Ўзбекистон фаъолияти идоракунии муҳити зист аз нав созмон дода шуда, Кумитаи миллии экология ва тағйирёбии иқлим таъсис ёфт. Кумитаи мазкур масъули татбиқи лоиҳаҳои миллӣ, аз ҷумла «Мероси биологӣ», «Фазои сабз», «Экофарҳанг», «Ҳавои тоза» ва «Минтақаи бепартов» мебошад.

Тибқи иттилои раиси Кумита, дар солҳои охир дар кишвар 14 минтақаи нави табиии ҳифзшаванда таъсис ёфтааст, ки масоҳати онҳо аз 4 то 14,2 фоиз афзуда — зиёда аз 6,3 миллион гектарро ташкил медиҳад. Зиёда аз 108 намуд ҳайвонот ва растаниҳои нодир ба рўйхати CITES ворид гардида, ҳифз карда шудаанд.

Ҳамзамон маблағи ҷубронпулӣ барои зарар ба намудҳои зикршудаи Китоби сурх даҳ баробар, барои растаниҳо панҷ баробар ва ҷаримаҳо барои буридани ғайриқонунии дарахтон низ чандин маротиба зиёд гардидааст. Дар фаъолияти Кумита роҳҳои ҳалли рақамӣ, аз ҷумла GIS ва SMART-Patrol ҷорӣ карда шуда, аз соли 2023 то имрўз бештар аз 14 ҳазор ҳодисаҳои қонуншикании воbаста ба ҳайвоноти ваҳшӣ пешгирӣ шудааст.

Ўзбекистон инчунин ба рушди ниҳолхонаҳо ва марказҳои парвариши ҳайвоноти нодир сармоягузорӣ мекунад. Аз ҷумла, лоиҳаҳои марбут ба парвариши лочини аврупоӣ, лочин, морхўр, архар, гўсфанди бухороӣ ва хазандагони нодир натиҷаҳои хуб ба даст овардаанд.

Ўзбекистон ҳамкории худро бо TRAFFIC International, INTERPOL, Fauna & Flora International ва дигар созмонҳо тақвият медиҳад. Ба фаъолият оғоз кардани намояндагии Иттиҳодияи байналмилалии ҳифзи табиат (IUCN) дар Ўзбекистон низ як қадами муҳим арзёбӣ мешавад.

Кишвар дар як қатор ташаббусҳои фаромарзӣ — аз ҷумла Ташаббуси ширхўрони Осиёи Марказӣ (CAMI), Ташаббуси биёбони Осиёи Марказӣ (CADI) ва Барномаи минтақавии Рамсар фаъолона иштирок мекунад. Рўзи гузашта кишварҳои Осиёи Марказӣ Эъломияи Самарқанд ва Нақшаи амали онро оид ба мубориза бо тиҷорати ғайриқонунии ҳайвоноти ваҳшӣ имзо намуданд.

Дар ҷаласаи панелии Муколамаи вазирони кишварҳои Осиёи Марказӣ таъкид шуд, ки ҷараёни мавҷудаи маблағгузории ҷаҳонӣ — тақрибан 143 миллиард доллар дар як сол (80–85 дарсади он маблағгузории давлатӣ) — барои иҷрои тамоми чорабиниҳои соҳа кофӣ нест. Дар ин бахш роҳҳои ҳалли навоваронаи маблағгузорӣ, таҷрибаҳои бомуваффақияти минтақа, механизмҳои маблағгузории омехта, каталоги ҳалли BIOFIN ва роҳҳои ҳифзи гурбаҳои калон (паланги барфӣ, паланг, ягуар) бо истифодаи асбобҳои суғуртавӣ муаррифӣ гардиданд.

25 ноябр Ўзбекистон оғози иҷрои лоиҳаи инноватсиониро дар самти барқарорсозии минтақаҳои муҳими гуногунии биологӣ эълон кард. Дар маросими муаррифӣ намояндагони GEF, UNDP ва UNEP ширкат доштанд. Ҳамчунин «Атласи миллии тағйироти экологӣ дар Ҷумҳурии Ўзбекистон» низ муаррифӣ шуд, ки дар доираи лоиҳаи минтақавии UNEP таҳия гардидааст.

Конфронси Самарқанд то 5 декабр идома меёбад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбирони «Овози тоҷик».**
*САМАРҚАНД.*

# МАРКАЗИ НАВИ МАЪМУРИИ ВИЛОЯТ

Яке аз марказҳои тамаддуни олам Бухорои шариф сол аз сол зеботар мегардад. Хусусан солҳои охир дар инҷо дигаргуниҳои назаррас ба вуҷуд меоянд. Баъди аз байн рафтани объекту биноҳои маъмурӣ дар маркази шаҳр аз қабили варзишгоҳ, ҳокимиятҳои вилояту шаҳр ва ғайра бо тақозои давру замон дар ҷойи онҳо ва мавзеъҳои гуногуни шаҳри бостонӣ лойиҳаҳои нави ободгардонии ҷавобгуйи талабҳои имрӯза арзи вуҷуд мекунанд. Қариб як сол боз дар самти шимолии шаҳр дар шафати шоҳроҳи Газлӣ, тақрибан дар 54.6 гектар майдон ҷараёни бунёдкориҳои маркази маъмурии вилояти Бухоро идома дорад. Мо тавассути шабакаи иҷтимоии ҳокими вилоят «Buxoro-uz» огоҳ гардида будем, ки дар ин ҷо биноҳои ҳокимиятҳои вилояту шаҳр, прокуратураи вилоят, Садорати корҳои дохилӣ, инчунин садоратҳои дигару ташкилотҳои давлатӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, дӯконҳои савдою маркази истироҳат, китобхонаи замонавӣ, объектҳои варзишию солимгардонӣ, мактаби ихтисосонидашудаи махсус, хиёбонҳо, қаҳвахонаю фавворахо сохта мешаванд.

**– Мақсад аз кӯчондани маркази вилоят чист? – пурсидем аз корманди масъули соҳа Шаҳзод Воҳидов.**

– Мақсад ҳифзи ҳудуди шаҳр бо роҳи аз он ҷо гирифта баромадани биноҳои маъмурӣ, нигоҳ доштани яклухтии меъморӣ, пешгирӣ кардани тирбандӣ ва фароҳам овардани имконияти қулай ба аҳолӣ аст.

Мувофиқи қарори Президент аз 5 декабри соли 2024 ва қарори Девони Вазирон аз 15 апрели соли 2024 аз ҳудуди маҳаллаҳои «Гулчорбоғ» ва «Отбозор»-и шаҳри Бухоро дар 52 гектар майдон барпо намудани «Маркази маъмурии вилояти Бухоро» ба нақша гирифта шудааст. Бино бар ин лоиҳа ҷогузин кардани ҳокимиятҳои вилояту шаҳр, мақомоти гуногуни идоракунӣ, марказҳои фарҳанг ва ҷавонон, маҷмӯи варзишӣ, марказҳои тиҷоратӣ, бонкҳо барин объектҳо дар назар дошта шудааст.

***

Котиби матбуоти ҳокими вилоят Олим Ҷӯраев ба муроҷиати мо оиди «Маркази нави маъмурии вилоят» маълумоти зеринро пешниҳод кард: «Мувофиқи қарори 423-юми Президент аз 5 декабри соли 2024 барои ташкилотҳои давлатӣ ва хоҷагиҳои ҷамъиятие, ки маркази таърихии шаҳри Бухоро ва наздики он воқеъ буданд, дар 46,45 гектар майдон аз ҳудуди маҳаллаи «Гулчорбоғ»-и шаҳри Бухоро интихобшуда биноҳои маъмурӣ сохта, он ҷо созмон додани маркази нави маъмурии вилоят таъкид ёфтааст. Аз ҷумла



дар 19320 метри мураббаъ сохтани бинои маъмурии ҳаштошёнаи ҳокимияти вилоят, дар 7770 метри мураббаъ сохтмони бинои маъмурии чорошёнаи ҳокимияти шаҳр, 10800 метри мураббаъ бунёд кардани бинои маъмурии шашошёнаи прокуратураи вилоят, дар 27040 метри мураббаъ сохтани бинои маъмурии панҷ-ҳафт ошёнаи садорати корҳои дохилии вилоят, дар 7210 метри мураббаъ сохтани бинои маъмурии ташкилотҳои шаҳр, бинои ҳафтошёнаи Маркази IT, дар 20240 метри мураббаъ сохтани бинои маъмурии чорошёнаи навъи дигар, дар 6640 метри мураббаъ сохтани бинои дуошёнаи Конгресс-холл, сохтани биноҳои бисёрошёна (26-то дорои 480 манзил 7-9 ошёна), дар 4,21 ҳудуд созмон додани кӯли сунъӣ, хиёбон ва фавворахо барои истироҳати аҳолӣ.

Ҳоло дар объектҳо ҷараёнҳои сохтмону монтажкунӣ идома ёфта, корҳои ободгардонии ҳудуд, гузарондани шабакаҳои коммуникатсионӣ сурат мегирад».

**Амрулло АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

---

*Давлат САФАР (Тоҷикистон)*

## БА ИФТИХОРИ МУНОСИБАТҲОИ НЕКИ ТОҶИКИСТОНУ ЎЗБЕКИСТОН

*Кунун бурҷи фалак ҳам минбари тоҷику ўзбек аст,*
*Тулӯъи бахт аз бому дари тоҷику ўзбек аст.*

*Ба руҳи Ҷомиву руҳи Навоӣ боз тан додем,*
*Фурӯғи ҷоми Ҷам дар соғари тоҷику ўзбек аст.*

*Кафи бикшода барҳам мезанад чашми ҳасудонро,*
*Малоик ҳам дуогӯйи сари тоҷику ўзбек аст.*

*Дигар аз пардаи абри гузар моро набошад бок,*
*Ки моҳи шабраваш дар кишвари тоҷику ўзбек аст.*

*Биё, аз дасти тифли ширхори орзу гирем,*
*Ки шири хурдааш аз модари тоҷику ўзбек аст.*

*Раҳи абрешим аз рӯзи азал ифшогари меҳр аст,*
*Касе паймуд ин раҳ, додари тоҷику ўзбек аст.*

*Хати сарҳад баёни розҳои ҳарду миллат шуд,*
*Паёми дӯстӣ дар дафтари тоҷику ўзбек аст.*

*Сано як умр бояд гуфт хуршеди муҳаббатро,*
*Сарои ҷовидонаш меҳвари тоҷику ўзбек аст.*

*Дигар бо турки шерозии Ҳофиз мо наменозем,*
*Ки он дастовгири дилбари тоҷику ўзбек аст.*

*Фазои бахту иқбол аст дар чашми замон рӯшан,*
*Ҳама donанд ин аз ховари тоҷику ўзбек аст.*

*Бало аз фарш ё аз арш бошад нест моро бим,*
*Малак дар марзи имон, дар бари тоҷику ўзбек аст.*

*Шукуҳи шӯҳрати оинаро тафсир ин бошад,*
*Ҷилояш ҷилвагар аз духтари тоҷику ўзбек аст.*

*Паёми сулҳро дар дафтари дил мекунем иншо,*
*Кабӯтар ҳамнавою ҳампари тоҷику ўзбек.*

---

# МАҚСАД – ТАШАККУЛИ МАҲОРАТИ ПЕДАГОГӢ

Муҳаққиқон таъриф додаанд, маҳорати педагогӣ ин хусусияти шахсиест, ки маҷмӯи худташкилдиҳии фаъолияти касбиро ба дараҷаи баланд таъмин мекунад. Яъне маҳорати педагогии омӯзгор, пеш аз ҳама, тавонистани ташкили раванди омӯзишро ифода мекунад, ки дар ҳар гуна шароит, ҳатто дар вазъияти ногувор ҳам ба сатҳи тарбия, инкишоф ва дониши толибилмон комёб шуда метавонад. Омӯзгори ҳақиқӣ ҳама вақт ба ҳар саволи тасодуфӣ ҷавоб ёфта метавонад. Вай метавонад ба донишомӯзон бедушворӣ наздик шавад, фикрро равшан гардонад, ба қобилияти шогирдон такон оварад, ба шарте, ки маҳорати педагогӣ дошта бошад. Бо мақсади кумак расонидан ба омӯзгорон дар назди Агентии муассисаҳои таълимӣ марказҳои маҳорати педагогӣ таъсис ёфтааст. Ин марказҳо пайваста ба ташаккули маҳорати педагогии омӯзгорон кумак мерасонанд.

Дар Маркази маҳорати педагогии вилояти Навоӣ конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Мушкилот ва роҳҳои ҳалли истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими мактабҳои ҳамагонӣ» баргузор гардид.

Дар анҷуман олимон, профессорону омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф аз нуқтаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ҳам ба шакли ҳузурӣ ва ҳам онлайн (тавассути платформаи ZOOM) иштирок намуданд.

Конференсия бо сухани ифтитоҳии сардори Раёсати тайёр ва рушди касбии кадрҳои педагогии Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ Анвар Бахромов ва директори Маркази маҳорати педагогии вилоят Ўктамҷон Мардонов оғоз ёфт.

Дар ҷараёни чорабинӣ маърӯзаҳои илмӣ, мубодилаи афкор ва муҳокимаи мавзӯӣ баргузор гардиданд. Дар кори конфронс профессорони Донишгоҳи миллии Ўзбекистон, доктори илмҳои техникӣ Сувонқул Нурманов, дотсенти кафедраи технологияи рақамии Донишгоҳи давлатии Навоӣ, доктори фалсафа оид ба илмҳои педагогика Дурдона Отақулова, профессори кафедраи кимиёи органикӣ ва нафту гази Донишгоҳи миллии Ўзбекистон Ҳабибулло Тоҷимуҳаммадов, мудири кафедраи иқтисодиёт ва технологияи иттилоотии Донишгоҳи инноватсионии Навоӣ, доктори фалсафа (PhD) оид ба илмҳои техникӣ Беҳзод Ёркулов, дотсенти кафедраи кимиёи факултети илмҳои табиии Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ Ҳабиба Тӯраева, сардори шуъбаи рушди фанҳо, номзади илмҳои педагогика, дотсент Абдураҳим Пӯлотов, омӯзгори калони Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ Муаттархон Акбарова, омӯзгори калони Маркази маҳорати педагогии вилояти Навоӣ Нафосат Солиева бо маърӯзаҳои худ баромад карданд.

Конфронс бо баррасии таҷрибаи пешқадам дар самти истифодаи василаҳои рақамӣ дар таълими муосир, ҷорӣ намудани муносибатҳои инноватсионии педагогӣ ва усулҳои интерактив дар амалия равона гардида буд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН, хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

---

# СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Аз пушт бештар онҳое зарба мезананд, ки шумо барояшон сина сипар кардаед.

**Фредрик БЕГБЕДЕР.**

Давлатҳо вақте ба ҳалокат мерасанд, ки дар фарқ кардани неку бад оҷиз монанд.

***

Душманони худро нодида нагиред – онҳо пеш аз ҳама хатоҳои шуморо пай мебаранд.

***

Ба инсони одил баштар аз наздиконат арҷ гузор.

**АНТИСФЕН.**

Дар сарзамини мо оне, ки бо садои баланд аз ишқ ба Ватан ҳарф мезанад, ағлаб ё дузд аст, ё ҷаллод.

**Иван ТУРГЕНЕВ.**

Шахсияти маро бо бархӯрдан иштибоҳ нагир, шахсияти ман чизест, ки ман ҳастам. Аммо бархӯрди ман бастагӣ дорад ба ин, ки ту кӣ бошӣ.

**Вилям ШЕКСПИР.**

Мутакаббирон якдигарро дӯст надоранд.

**Мақоли арманӣ.**

Агар эҳсос кардӣ, ки беадабӣ, пас ту инсони боадабе ҳастӣ. Зеро беадабҳо ҳеҷ вақт мутаваҷҷеҳи беадабиашон намешаванд.

***

Ханда қудратмандтарин силоҳи инсон аст, зеро шӯхтабъӣ метавонад торикиву нафратро аз миён бибарад ва зеҳну равони касро аз фишорҳову танишҳои дарунӣ озод кунад.

**Марк ТВЕН.**

Дарки заъфу сустии худ ба инсон неру мебахшад.

**Франсуа ФЕНЕЛОН.**

Саъй кунед, ки чизеро ба дил нагиред. Он чӣ одамҳо дар бораи шумо мегӯянд, боздтобе аз худашон аст, на шумо.

**Бонапарт НАПОЛЕОН.**

Иқтисоди заифу фақр ду далел дорад: ё ҳокимон аҳмақанд, ё аҳмақҳо ҳоким. Хушксоливу ҷанг баҳона аст.

**Уинстон ЧЕРЧИЛЛ.**

Ҷое, ки мардум аз давлат битарсад, зулм ҳоким аст; ҷое, ки давлат аз мардум битарсад, озодӣ вуҷуд дорад.

**Нумос ҶЕФФЕРСОН.**

Қудрат аз пирӯз шудан ҳосил гардад. Вақте шумо аз сахтиҳо убур мекунед ва тасмим бигиред, ки таслим намешавед, ин қудрат аст.

**Маҳатма ГАНДӢ.**

Ниёзе нест, ки атрофамон пур аз одам бошад, ҳамон чанд нафаре, ки атрофамон ҳастанд, кофист, ки одам бошанд.

**Ҳусайн ПАНОҲӢ.**

Беадабӣ (дағалию дуруштӣ) заъфи рӯҳонӣ бошад.

**Мария фон ЭНБЕР-ЭШЕНБАХ.**

**Тарҷума ва таҳияи А. СУБҲОН.**

---

***Дар кишвари мо мавсими тирамоҳии лоиҳаи «Макони сабз» оғоз ёфт. Имсол дар вилояти Самарқанд шинондани10 миллиону 208 ҳазор бех ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда ва сояафкану манзаравӣ ба нақша гирифта шудааст. Барои мавсими тирамоҳ аз ҷониби 10 хоҷагии ҷангали вилоят захираи 14 миллион бех ниҳолҳои гуногун ва гулбуттаҳо бунёд гардида, бо навбати худ ба шаҳру вилоятҳо ирсол мешаванд.***

# «МАКОНИ САБЗ»: АЗ НЕК БОҒ МОНАД

– Дар асоси татбиқи Барномаи давлатии Стратегияи «Ўзбекистон–2030» дар «Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисоди сабз» дар шаҳрҳои Самарқанд, Каттақӯрғон, инчунин ноҳияҳои Ургут, Пастарғам, Самарқанд, Нуробод «Камарбанди сабз» ташкил ёфта, дар 16 ноҳияи вилоят боғҳои ҳокимият бунёд шудаанд, – гуфт котиби матбуоти Садорати экология ва тағйирёбии иқлими вилоят Шералӣ Искандаров, – хосатан дар атрофи корхонаҳои хавфноки саноатӣ ва 12-то полигони партов беш аз 200 ҳазор бех ниҳолҳои дарахтони манзаравӣ шинондем.

Дар минтақаи Қаросув иштирокчиёни анҷумани бошукӯҳи байналхалқии ЮНЕСКО дар 5 гектар майдон 1,5 ҳазор бех ниҳоли дарахтони гуногунро бо роҳи ҳашар шинонда «Боғи сабз» ном доданд.

– Соли гузашта миллион бех ниҳол шинонда шуд, вале аксарияти онҳо аз беобӣ ва бепарвоӣ озуқаворин чорво гардид. Дар ин бора рӯзномаи «Овози тоҷик» низ бонги изтироб зада, масъулони соҳаи мазкурро ҳушёр карда буд.

– Имсол масъала ранги дигар хоҳад гирифт. Чанде пеш иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев бо иштироки бевоситаи идораҳои ободонӣ, гулпарварӣ, хоҷагии ҷангал машварат гузаронида, таъкид намуд, ки агар ниҳолшинонӣ ва нигоҳубини рустаниҳо дар коғаз бошаду дар амал дигар, барои масъулони соҳа ҷазо муқаррар.

Ба ин хотир аллакай 32 чоҳи амудӣ кофта, қариб 70 километр шохобчаҳои обёрӣ барқарор гардид. Минбаъд ба ҳар як минтақа ва лозим бошад, ба ҳар як ниҳол шахси масъул таъин хоҳад шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

---

*Дар ҷевони китоб*

# ОВОЗИ ДИЛУ ҶОН БУВАД «ОВОЗИ САМАРҚАНД»!

***Ба муносибати 35-солагии таъсиси рӯзномаи «Овози Самарқанд» ҳайати таҳририя чандин китобро интишор намуд, ки яке аз онҳо «Овози Самарқанд»: аз дидаҳо, шунидаҳо» ном дорад.***




Дар Маркази ахбор-китобхонаи вилоят ба номи Пушкин рӯнамоии асари мазкур баргузор гардид. Аҳли фарҳангу ҳунари Самарқанд, шоиру нависандагон, устодону муаллимони мактабҳои олӣ ва ҳамагонӣ, санъаткорон, кормандони матбуот ва мухлисони каломи бадеъ иштирокдорони чорабинӣ буданд.

Директори марказ Зебуннисо Шодиева ҳозиронро хайра мақдам гуфт.

– Борҳо мушоҳида кардем, ки зиндагӣ пур аз воқеаҳои аҷибу ғайричашмдошт аст, – гуфт сардабири «Овози Самарқанд» Баҳодури Раҳмон. – Дар ин раванд фаъолияти журналистон истисно нест. Боз як чизи аҷиб он мебошад, ки аксарияти мухлисони рӯзнома ба саҳифаи охирин, ки бештар маводи табассумбарангез чоп мешавад, таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд.

Мо ба шиори «Ҳазлу мутоиба – чанбари наҷот дар мавҷҳои зиндагӣ» амал карда, дидаву шунидаҳои кормандони рӯзномаро ҷамъоварӣ намудем ва дар шакли китоб чоп кардем. Он бо сарпарастии соҳибкори маърифатпарвар, инсони хоксору саховатпеша Абдуазиз Мунисов руйи чопро дид.

Раиси Маркази милливу фарҳангии тоҷик ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд Шуҳратҷон Самадов, муҳаррири маҷаллаи адабӣ, илмӣ ва фарҳангии «Дурдонаи Шарқ», мудири бахши тоҷикии Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон дар вилояти Самарқанд Асадулло Шукуров, раиси шуъбаи вилоятии Иттиҳоди журналистон Акрам Ҳайдаров ва дигарон дар бораи мазмуну мундариҷаи китоб фикру мулоҳизаҳои хешро гуфтанд.

Донишомӯзони мактаби рақами 19-уми ноҳияи Пастдарғам ва 21-уми шаҳри Самарқанд, инчунин ҳофизон бо сурудҳои дилнишини хеш ба ҳозирон кайфияти хуш бахшиданд.

**Баҳодури ЗОҲИР,**
*САМАРҚАНД.*

---

# ТАЪЛИМ – СОҲАИ ОЗОД АЗ КОРРУПСИЯ

***Дар вилояти Навоӣ дар доираи «Моҳи мубориза бар зидди коррупсия» бо ҳамкории Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳти унвони «Таълим – соҳаи озод аз коррупсия» мулоқоти кушод баргузор гардид.***

Дар рафти чорабинӣ масъалаҳои таъмини шаффофият дар соҳаи таълим, коҳиш додани омилҳои коррупсионӣ ва таҳкими принсипҳои идоракунии ошкоро баррасӣ шуданд.

Дар оғоз ба иштирокчиёни чорабинӣ дар бораи оқибатҳои амалҳои коррупсионӣ видеороликҳо намоиш дода шуд. Дар онҳо махсус таъкид гардид, ки коррупсия натанҳо ба рушди низом, балки ба пешрафти ҷомеа низ зарари ҷиддӣ мерасонад.

Сипас, сардори Раёсати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят Р. Ҳаитова ва корманди Хадамоти мубориза бар зидди коррупсияи вазорат Э, Худойберганов оид ба пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ, таъмини шаффофият дар харидҳои давлатӣ ва паҳлӯҳои хатарноки бархӯрди манфиатҳо маърӯза карданд.

Дар ҷараёни мулоқот намояндагони прокуратураи вилоят ва Раёсати адлия зарурати тақвияти бахшидан ба ҳамкорӣ барои табдил додани низоми таълим ба муҳити комилан шаффоф, одилона ва озод аз коррупсияро таъкид намуданд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН, хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

---


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 3684. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.00



Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.



Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.